**Тамос**: Диля Зоирова
Идораи кишварии Бонки Ҷаҳонӣ
Телефон: (992-372) 21 07 56, 21 67 43
E-mail: dzoirova@worldbank.org

# *Тиҷорат дар соли 2009*: Минтақаи Осиёи Марказӣ дар иҷроиислоҳоти қонунҳои танзимкунанда ба комёбиҳо ноил мегардад, вале Тоҷикистон се зина поён рафта ҷои 159-умро ишғол мекунад

**ДУШАНБЕ, 10 сентябри соли 2008**— Имсол теъдоди ислоҳоти қонунҳои танзимкунандаи тиҷорат ба ҳадди аксар расидааст, аз ҷумла Аврупои шарқи ва Осиёи марказӣ дар байни минтақаҳои дунё пайдарпай соли панҷум аст, ки пешоханг мешаванд, зикр мешавад дар ҳисобот тахти унвони «*Тиҷорат дар соли 2009»* - шашумин гузориш аз силсилаи гузоришҳои солони Хазинаи Байналмилаллии Асъор (ХБА) ва Бонки Ҷаҳонӣ.

Ҳисобот тахти унвони *«Тиҷорат»* иқтисодҳоро аз рӯи 10 нишондиҳандаи қонунҳои тиҷорат дастабандӣ мекунад, ки вақт ва хароҷотҳоро барои иҷрои талаботҳои ҳукумат дар шурӯ ва роҳандозии тиҷорат, савдо дар сарҳадот, пардохти андозҳо ва хотима додани тиҷорат пайгирӣ мекунад. Баҳодиҳӣ чунин соҳаҳоро, ба монанди сиёсати макроиқтисодӣ, сифати инфрасохтор, тағйирёбандагии қурби асъор, дарки маблағгузорон ё сатҳи ҷиноят инъикос намекунад.

Мувофиқи санҷиши *«Тиҷорат»* Тоҷикистон се зина поён рафта ҷои 159-умро дар байни 181 кишвар ишғол мекунад. Гузориш дар давоми соли охир як ислоҳоти мусбатро – қонун дар бораи ширкатҳои саҳҳомӣ, ки аз ҷониби Парламент моҳи майи соли 2007 қабул шуда буд, эътироф мекунад. Гузориш инчунин ба як тағйироти манфӣ дар фазои тиҷоратии Тоҷикистон ишора мекунад: қафомонии маъмурӣ дар гирифтани иҷозатнома барои ҷой ба вақти умумӣ барои дастрас кардани иҷозатнома барои сохтмон 160 рӯз изофа кард.

Қонун дар бораи ширкатҳои саҳҳомӣ муҳофизати маблағгузоронро тавассути пеш гузоштани талабот дар бораи он, ки муомилот дар байни ҷонибҳои манфиатдор аз ҷониби маҷлиси саҳҳомон бе овоздиҳии директорони маниатдор, тасдиқ карда шавад, пурзӯр кард. Қонуни нав ба саҳҳомони аққалият иҷозат медиҳад, ки онҳо аз номи ширкат директоронро ба ҷавобагарии ҷиноятӣ кашанд.

«Ӯҳдадории устувор барои ҷорӣ кардани ислоҳот ба хотири ба даст овардани баҳои баландтар дар минбарҳои байналмилалӣ ба монанди *«Тиҷотат»* муҳим мебошад, ***зикр кард сарвари Бонки Ҷанҳонӣ дар Тоҷикистон Киара Бронки***. «Иҷроиши бомуваффақияти барномаи ислоҳоти ҳукумат ҳам қонунҳои нав ва ҳам тартиботи навро дар ин замина тақозо менамояд. Масалан, Кумитаи андоз, Кумитаи давлатии амвол ва ҷалби сармоя ва дигар муассисаҳои давлатӣ ҳам роҳҳои ҳалли қонунӣ ва ҳам тартиботиро барои таъсиси як нуқтаи муайяни сабти номи тиҷоратҳо таҳия карда истодаанд».

Озайрбойҷон – кишвари пешқадамтарини дунё аз ҷиҳати ҷорӣ кардани ислоҳот дар қонунгузории марбут ба тиҷорат, мувофиқи баҳогузории ҷаҳонӣ аз ҷиҳати осонии

роҳандозии тиҷорат, аз зинаи 97 ба зинаи 33 баромад. Ҷумҳурии Қирғизистон чаҳорумин ислоҳотчии пешқадамтарини дунё ба шумор меравад, ки дар ҷадвали баҳодиҳии дунё аз зинаи 99 ба зинаи 68 баромадааст. Қазоқистон низ пешравии зиёдро нишон дода, дар ҷадвали баҳодиҳии дунё аз зинаи 80 ба зинаи 70 баромадааст. Таъсиси идораҳои нави бақайдгирии қарзҳо ба Ӯзбекистон кӯмак кард, то аз зинаи 145 ба зинаи 138 барояд.

«Иқтисодҳо ба қоида ва қонунҳои муассир, қобили истифодаи осон ва барои ҳамаи онҳое, ки аз онҳо ба таври дастрас истифода мекунанд, ниёз доранд. Вагарна, тиҷоратҳо ба доми иқтисоди бетанзим ва ғайрирасмӣ меафтанд, ки дар он дастрасии камтар ба молия вуҷуд дорад, шумораи камтари коргарон ба кор қабул карда мешаванд ва қонун дар бораи ҳифзи меҳнати коргарон риоя намешавад», - ***зикр кард Майкл Клайн, Муовини президенти Бонки Ҷаҳонӣ/ХБА масъул барои рушди соҳаи молия ва хусусӣ.*** *«Тиҷорат»* таҳияи қоида ва қонунҳои муносибро тарғиб мекунад, дар навбати худ қоидаҳои муносиб метавонад ҳамчун асоси беҳтар барои тиҷорати солим дар муқоиса ба «ҳолати номуайян» хизмат кунад, - афзуд ӯ.

Қазоқистон идораи қарзи хусусии худро тавассути изофа кардани таъминкунандагони нави иттилоот ва афзудани сатҳи фарогирии қарзгирандагон то 80% дар давоми соли гузашта такмил дод. Қонуни нав тағйиротҳои муҳимро дар системаи бақайдгирии амвол, созмон додани идораи ягонаи бақайдгирӣ барои ҳамаи заминҳо ва биноҳо ва таъсиси марказҳои давлатии хизматрасонӣ барои идора кардани муомилот бо амвол дар шаҳрҳои калонтарин ҷорӣ намуд.

Ҷумҳурии Қирғизистон муҳофизати маблағгузоронро тавассути ворид намудани тағйироту иловаҳо, ки ба аққалиятҳои маблағгузорон ҳамчун саҳмдорон иҷозаи ба суд мурочиат карданро медиҳад, пурзӯр намуд. Таъсиси идораи нави фарогиранда шурӯи тиҷоратро тавассути содда ва муассир кардани раванди бақайдгирии тиҷорат ва аз байн бурдани талаботҳои муайян, ба монанди асноди тасдиққунандаи ҷои истиқомат, осон кард. Ҳалли масъалаҳои марбут бо гирифтани иҷозатнома дар бораи сохтмон низ маҳз бо таъсиси муассисаи фарогиранда, ки барои гирифтани иҷозатномаҳо дар бораи лоиҳасозӣ, сохтмон ва истифодаи манзил дар як макон имкон медиҳад, осон шуд.

Ӯзбекистон идораи хусусии қарзӣ ва идораи давлатии бақайдгирии қарзиро барои паҳн кардани иттилоот дар байни муассисаҳои молиявӣ таъсис дод. Идораҳои бақайдгирии қарзҳо ба бонкҳо имконият медиҳанд, ки қобилияти пардохти қарзгирандагонро арзёбӣ кунанд.

Сингапур дар ҷадвалии баҳодии ҷаҳонӣ аз ҷиҳати таҳияи қонунҳо барои осон кардани тиҷорат соли сеюм аст, ки ҷои аввалро ишғол мекунад. Зеландияи нав бошад, ҷои дуюм ва Иёлоти Муттаҳида ҷои сеюмро ишғол мекунанд. Кишварҳои эътирофшудаи пешоҳанг дар Аврупои шарқӣ ва Осиёи марказӣ Гурҷистон (15), Эстония (22), Литва (28), Латвия (29), Озарбойҷон (33) ва Словакия (36) мебошанд.

Лоиҳаи *«Тиҷорат»* маҳсули талоши зиёда аз 6700 коршиноси маҳаллӣ – мушовирони тиҷоратӣ, ҳуқуқшиносон, муҳосибон ва кормандони давлатӣ ва олимони барҷастаи дунё, ки дастгирии методологӣ фароҳам овардаанд ва дар баррасии он саҳм гузоштаанд, мебошад.

Иттилооти бадастомада, методология ва номҳои ширкаткунандагон дар сайти интернетии www.doingbusiness.org дастрас мебошанд.